**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**ТДУ:37.02+372.8:78**
**ТКБ:74.202+74.261**
**Б - 72**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**БОЕВ ШАҲОБИДДИН РАҶАБАЛИЕВИЧ**

# НАҚШИ БОЗИҲОИ МУСИҚӢ-ДИДАКТИКӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ЗИМНИ ДАРСҲОИ СУРУД ВА МУСИҚӢ

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**ДУШАНБЕ - 2024**

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ” иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** **Хайруллоев Баҳриддин,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

**Муқарризони расмӣ:** **Латифзода Диловар Назришоҳ,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Муассисаи давлатии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов.

**Рустамов Дадо Абдуҷаборович,** номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърих, маданият ва методикаи таълими мусиқии ба номи профессор Ҳакимов Н.Ғ.

**Муассисаи пешбар:** МДТ “Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода”

Ҳимоя “15”-уми марти соли 2025, соати 9:00 дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” (735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхона ва сомонаи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” (www.hgu.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат « _____ » ____________ соли 2025 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои филология, профессор** **Ҳамробоев Н.А.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот:** Бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои асосии насли наврас таъсири мусбат мерасонад, ки аз ин падида таҳқиқотҳои илми муосир шаҳодат медиҳад. Барои ташаккул додани асосҳои салоҳиятҳои мусиқӣ онро аз давраи таҳсили синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ оғоз кардан лозим аст. Мусиқӣ яке аз воситаҳои тавонои тарбияи эстетикии кӯдакон буда, воқеияти атрофро дар образҳои солим таҷассум менамояд.

Аз ин рӯ, дар зинаи ибтидои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши фанни суруд ва мусиқӣ барои иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ вақти зиёдро бояд ҷудо намуд, зеро он бештар дар дарси суруд ва мусиқӣ ва дар рӯзҳои ид, лаҳзаҳои фароғатӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ садо медиҳад.

Тарбияи фарҳанги мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамзамон бо инкишофи қобилиятҳои мусиқии онҳо сурат мегирад, ки дар навбати худ аз тариқи фаъолияти мусиқӣ инкишоф меёбанд. Ин гуна фаъолиятҳо ҳар чи қадар гуногун бошанд, малакаву маҳорат ва қобилиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҳамон андоза рушд меёбанд. Маҳз аз ҳамин хотир, истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ барои расидан ба мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ амри зарурӣ маҳсуб меёбанд.

Бинобар ин, вазифаи асосии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки раванди машғулиятҳои дарси суруд ва мусиқиро бо роҳу усулҳои гуногун ташкил карда, ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни истифодаи усулҳои гуногуни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ташаккул дода, таъмин намоянд. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф ба кӯдак таъсири комплексии намудҳои асосии фаъолияти мусиқӣ зарур аст. Аз ҷумла, ҳаракат зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, шунидани мусиқӣ, сурудхонӣ, навохтани созҳои мусиқии кӯдакона ва ғайра сурат мегирад.

Аммо масъалаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар он аст, ки на ҳамаи барномаҳои муосири таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои кӯдакони хурдсол нигаронида шудаанд ва барои омӯгорони фанни суруд ва мусиқӣ аз бисёр ҷиҳатҳо мушкилӣ эҷод мекунад. Боиси таассуф аст, ки дар фаъолияти педагогии мо бозӣ на ҳамеша ҳамчун шакли баробарҳуқуқи таълиму тарбияи бачагон истифода мешавад.

Бояд ёдовар шуд, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба азхудкунии қобилияту малакаҳои мусиқӣ камтар мароқ зоҳир карда, онҳо бештар ба ҷанбаҳои техникӣ шавқу рағбат доранд, муносибат ва шартҳои дарки суруд ва мусиқӣ, ташаккули забони мусиқӣ ба ифшои хонандагони

синфҳои ибтидоӣ, ташаккули дониши мусиқии хонандагон мусоидат намекунад.

Тавре маълум аст, ин намуди бозиҳоро маъмулан бо мақсади рушди салоҳиятҳои иртиботиву эҷодкорӣ ва ҳамкориву маърифатии хонандагони хурдсол истифода мекунанд ва мақсади он, дар баробари ташаккули салоҳиятҳои онҳо, аз он ҷумла муайян намудани неруи зеҳнии хонандагони хурдсол, рушди сифатҳои шахсӣ, фарҳанги рафтор ва муошират, қобилияти эҷодкорӣ, ғанӣ гардонидани ҷанбаҳои зеҳнию эҳсосӣ, тарбияи ҳисси зебоипарастӣ ва ғайра мебошад.

Ақидаҳои дар боло зикршуда аз муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мо шаҳодат медиҳанд.

***Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ***. Файласуфон, равоншиносон, педагогон, омӯзгорон, мусиқишиносон Б.В. Асафиев, Л.С. Виготский, Я.А. Коменский, А.Маслоу, К.Роҷерс, В.А. Сухомлинский, Б. Теплов, К Юнг, Б.С. Яворский ва дигарон ба нақши мусиқӣ дар инкишофи ҳамаҷонибаи инсон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Идеяи истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикии халқӣ дар таълиму тарбияи мусиқии бачагон бештар дар асарҳои Б.В. Асафиев, 3. Кодая, К Орфа, В.Н. Шатская ва дигарон таҳлил гардидааст. Тадқиқотчиёни тоҷик С.А. Тешаева, Н.М. Фозилова, П.А. Муқумова, С.В. Эсакова, Р.М. Тошпулатова, М.М. Қурбонова, М.А. Қаҳорова, М.А. Домуллоҷонова, Ф.С. Давлатова, Б.В. Воҳидова ва дигарон доир ба паҳлуҳои гуногуни бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ ибрози назар кардаанд.

Дар таҳқиқоти Е.В. Абдуллина, И.Н. Реутской, К.В. Тарасова ва дигарон масъалаҳои ташаккули маданияти мусиқии бачаҳо, тарбияи эстетикӣ дар ҷараёни таълими суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ бештар таҳқиқ шудааст.

Дар осори педагогии Д.Б. Богоявленская, Т.Н. Тютюнникова, Е. Торранс ва дигарон ҷанбаҳои гуногуни падидаи эҷод ва эҷодиёт кушода шудаанд ва мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Таҳлили адабиёти илмӣ-назариявӣ ва методӣ, вазъи таълими суруд ва мусиқӣ дар синфҳои ибтидоӣ зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар таҷрибаи чандинсолаи кори омӯзгори мусиқии тоҷик гувоҳӣ медиҳад, ки педагогикаи мусиқии ҳозиразамон бояд мазмун, шакл ва усулҳои таълими мусиқиро дар бар гирад. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар самти мустаҳкам намудани хислатҳои шахсӣ ва фаъолияти онҳо, истифода бурдани бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун субъекти ҷараёни таълиму тарбия нақш мебозад.

К.Д.Ушинский чунин қайд намудааст, агар мо ба бозии бачагон аҳаммияти ҷиддӣ диҳем ва зимни ин масъала семинари омӯзгоронро бештар ташкил кунем, он гоҳ омӯзиши назариявию амалии бозиҳои

бачагонаро ба яке аз мавзуъҳои асосии рӯзмарра табдил дода метавонистем.

Чунин гуфтаҳо барои илми педагогикаи муосир мазмуни дахлдор доранд. Дар педагогикаи имрӯза ҷустуҷӯи доимии шаклу усулҳои нав, ки хусусиятҳои ташаккулёбии муносибатҳои байни омӯзгор ва хонандаро таъмин мекунанд, ҳамеша такмил меёбад.

Айни замон дар илми педагогика як самти том – педагогикаи бозӣ пайдо шудааст, ки бозиро усули пешбарандаи тарбия ва таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ донистa, дар ин маврид таваҷҷуҳ ба бозӣ бештар (фаъолияти бозӣ, шаклҳои бозӣ, техника) дода мешавад. Муҳимтарин метод, ин ҷалб намудани хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба корҳои тарбиявӣ зимни нақши бозиҳои дидактикӣ маҳсуб меёбад.

Дар илми муосир ташаккули салоҳиятҳои шахсро равоншиносон (Б.Г. Ананиев, Л.С.Виготский, Л.Б.Ермолаева-Томина, П.М.Якобсон) ва педагогон (П.П.Блонский, Н.А.Ветлугина, А.Н.Зимин, Т.Г.Казакова, О.П.Комарова ва дигарон) баррасӣ намудаанд. Онҳо мафҳуми «салоҳият»-ро ҳамчун қобилияти инсон дар асоси азхудкунии сарвати маданияти моддию маънавӣ дар ҷаҳон дигаргуниҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммияти ба амал баровардан дар муносибат, амалҳои ихтиёрӣ, инчунин эҷодӣ маънидод кардаанд.

Мафҳуми «салоҳият» ҳамчун фаъолияте ҳисобида мешавад, ки натиҷаи он эҷоди сарватҳои нави моддию маънавӣ мебошад. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар худ моҳияти падидаи педагогӣ ва психологӣ дошта, ҷанбаи равонӣ дорад. Таҳқиқотҳо исбот намудаанд, ки шахс дорои қобилият, дониш ва малака буда, ба шарофати он маҳсуле меофарад, ки бо навоварӣ ва ташаккулёбӣ фарқ мекунад.

Мавҷудияти масъалаҳои зикргардида дараҷаи нокофии коркарди мавзуи ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсолро дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда, ҳамзамон зарурати таҳқиқи масъалаи мазкурро дар ин самт таъкид менамояд. Ҳаллу фасли ин масъалаҳо дар амалия, ҳам дар низоми таълиму тарбияи насли наврас аз нуқтаи назари иҷтимоию фарҳангӣ, ҳам барои мусоидат ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон аҳаммияти калон дошта, ба фаъолияти ҳаётии онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Дар асоси таҳлили вазъи кунунии проблемаҳои марбут мо ихтилофоти зеринро муайян кардем:

1.Дар барномаҳои таълимӣ ба таври амалӣ ҷиҳати рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагон мавридҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ пешбинӣ нагардидааст ва оид ба ташаккули ин салоҳият низ муқаррароте мавҷуд нест.

2.Дар доираи тамоми барномаҳои фанни таълимӣ ташкили бозиҳои мусиқӣ –дидактикӣ роҳандозӣ карда нашудааст.

3. Дар дарси суруд ва мусиқӣ барои пешбурди тарбияи ташаккули салоҳиятнокии мусиқии хонандагон дар ин самт имкониятҳои зиёде мавҷуд аст, аммо аз тарафи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ эътибори ҷиддӣ дода нашуда истодааст.

Аз ин ваҷҳ, омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳқиқотҳои сершумор имкон медиҳад хулоса бароварда шавад, ки таҳқиқи раванди педагогии ташаккул ва рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар шароити ислоҳоти низоми маориф нокифоя мебошад. Коркарди нокифояи масъалаи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои хонандагон дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ интихоби мавзуи таҳқиқотро ҳамчун: "Нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни дарсҳои суруд ва мусиқӣ" муайян намуд.

***Робитаи тадқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ***: Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи "Назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ"-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2019-2023 дар мавзуи "Роҳу усулҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарс ва чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" ва муқаррароти асосии Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

***Мақсади таҳқиқот*** – аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва ба таври озмоишӣ санҷидани самарабахшии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ.

***Вазифаҳои таҳқиқот.*** Бо дарназардошти ноил шудан ба мақсади аз ҷониби муаллиф гузошташуда вазифаҳои зерини таҳқиқот муайян карда шуданд:

- баррасӣ ва шарҳи мазмун ва моҳияти мафҳуми нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ;
- тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ошкор ва муайян намудани хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- таҳлили амалии нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни баргузории дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- мураттаб сохтани маҷмуи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва озмоиши самаранокии онҳо дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишҳо коркард ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ вобаста ба тарзу воситаҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо мақсади рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

***Объекти таҳқиқот*** – раванди ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ тавассути истифодаи бозиҳои дидактикӣ.

***Мавзуи таҳқиқот*** – нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ.

***Фарзияи таҳқиқот*** – салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ самарабахш ташаккул меёбад, агар:

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ таҳлилу баррасӣ шуда, мавриди истифодаи амалӣ қарор дода шавад;

- ба моҳият ва сохтори бозии мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ равшанӣ андохта шавад;

- шароити педагогии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шавад;

- самаранокии истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври коркард ва ба таври озмоишӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад;

- бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни таълим бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тарҳрезӣ гардида, ба ҷараёни таълим маҷмуи бозиҳои гуногуни дидактикӣ барои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ворид карда шавад.

***Марҳилаҳои таҳқиқот.*** Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

*Марҳилаи якум (солҳои 2019–2020).* Омӯзиши ташкил ва ба роҳ мондани раванди педагогӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва арзёбии самаранокии он;

гузаронидани таҳқиқоти муқарраркунандаи нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Таҳлили таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаро оид ба ҳолати номувофиқии низоми ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ ва самаранокии пасти он, расонидани таъсири мусбат ба динамикаи нишондиҳандаҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоиро тасдиқ намуд.

*Марҳилаи дуюм (солҳои 2021–2022).* Омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ барои асосноккунии мавзуи таҳқиқот, ҳадафҳо, вазифаҳо ва методҳои он; муайян намудани масъалаи таҳқиқот ва ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли он, ифодаи фарзия; санҷиши амалии технологияҳое, ки дар рафти таҳқиқи назариявӣ ва ҷустуҷӯи шаклҳо ва методҳои беҳтари ҷорӣ намудан ва истифодаи онҳо дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол мусоидат мекунанд; гузаронидани озмоиши педагогӣ, ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ.

*Марҳилаи сеюм (солҳои 2022–2023).* Коркарди графикӣ ва омории маълумоте, ки дар рафти озмоиши педагогӣ, бознигарӣ, таҳлил ва шарҳи натиҷаҳо, ифодаи хулосаҳо ва тавсияву пешниҳодҳои таҳқиқот ба даст омаданд.

***Асосҳои методологии таҳқиқот.*** Асосҳои методологии таҳқиқотро назарияҳои муосири педагогӣ, психологӣ ва фалсафие ташкил доданд, ки тарбияро ҳамчун раванди мақсадноки ташаккули низоми муносибатҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим ба олами атроф ва ба худ аз тариқи фаъолияти гуногуни ба таври махсус ташкилшуда баррасӣ менамоянд. Сарчашмаҳои таҳқиқот муқаррароти бунёдии назарияи шахсият ва фаъолият мебошанд, ки дар асарҳои олимон К.А. Абулхановая–Славская, Б.Г. Ананев, А.А. Бодалёв, Л.И. Божович., Л.С. Виготский, А.Н. Леонтев, Б.Ф. Ломов, С.Л. Рубинштейн баррасӣ гардидаанд; консепсияи муносибатҳо, ки аз ҷониби Б.Г. Ананев, А.А. Бодалёв, М.С. Каган, В.Н. Мясишев, Р. Мартенс таҳия шудаанд; асарҳо оид ба назарияи арзишҳо, ки аз ҷониби олимон В.Брожик, Г.П.Вижлетсов, Я. Гудечек, А.Г. Здравомислов, М.С. Каган, Л.Н. Столович, В.П. Тугаринов баён гардидаанд.

***Асосҳои назариявии таҳқиқот.*** Асосҳои назариявии таҳқиқотро муқаррарот ва назарияҳои зерин ташкил намуданд:

- назарияҳои шахсият ва фардият (А. Адлер, Б. Г. Ананйев, Л. С. Виготский, А. Н. Леонтев, А. Маслоу, С. Л. Рубинштейн, Э. Фромм, Э. Эриксон ва ғ.);

- таҳқиқот оид ба психологияи инкишоф ва мусиқӣ (Н.П. Аникеева, Р. Бернс, Л.И.Божович, А. Валлон, А.В. Запорожетс, И.С.Кон, В.М. Теплов, Д.И. Фелдштейн, Д.Б. Элконин ва дигарон);

- назарияи инкишофи қобилияти салоҳиятнокӣ дар фаъолияти таълим (Б.Г. Ананиев, Е.В. Бондаревская, Д.Б. Богоявленская, Л.С.Виготский, В.В.Давидов, А.В. Запорожетс, С.Л. Рубинштейн, Е. Торранс ва дигарон);

- назарияи мутобиқат ба табиат ва мутобиқати фарҳангии таълиму тарбия (М.С.Каган, Я.А.Коменский, И.Г.Песталотси, К.Д.Ушинский ва дигарон);

- таҳқиқот оид ба тарбияи фарҳангӣ-ахлоқӣ ва мусиқӣ-зебоипарастӣ (С. Г. Ваниева, Н. А. Ветлугина, Д. Б. Кабалевский, А. В. Луначарский, Г. С. Ригина ва дигарон);

- асарҳои педагогикаи мусиқӣ (Б.В. Асафиев, Л.А. Баренбоим, Н.А. Ветлугина, Э. Жак-Далкроз, О. Н. Леонтева, Е.В. Назайкинский, К. Орф, Б.Л. Яворский, Б.Хайруллоев М.Набиева М.Р.Юлдошева ва дигарон).

**Сарчашмаҳои маълумот.** Сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ адабиёти илмӣ, педагогӣ-психологӣ, мусиқӣ, санъатшиносӣ, методӣ, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогӣ-психологӣ ва мусиқӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", стратегияву барномаҳои давлатии рушди соҳаи маориф, аз он ҷумла, Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, асарҳои илмӣ-таҳқиқотии ба мавзуъ дахлдори муҳаққиқони тоҷик, рус ва мамолики дигари хориҷӣ роҷеъ ба фаъолияти педагогӣ-психологӣ ва мусиқӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути бозиҳои дидактикӣ, андеша ва ақоиди намояндагони соҳаи маориф дар маҷаллаҳои илмӣ-педагогӣ ва дигар нашрияҳои илмӣ-публитсистӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ, маводи интернет, таҳқиқоти бунёдии олимони тоҷик ва ғайра мебошанд, ки ба масъалаи таҳқиқоти мо бахшида шудаанд.

***Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот:*** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳо оид ба мавзуи таҳқиқот; муайян намудани робита ва таъсири мутақобилаи назарияҳои мусиқӣ-педагогӣ ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол; ташкилу баргузорӣ ва арзёбии натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ, ки аз марҳилаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда иборат буд; маҷмуи методҳои эмпирикии ҳамдигарро пурракунандаи таҳқиқот, аз қабили: методҳои ҷамъбасткунии назариявӣ ва таҳлили адабиёти мавҷуда;

мушоҳидаи мусиқӣ- педагогӣ, озмоиши мусиқӣ-педагогии муқаррар-кунанда ва ташаккулдиҳанда; методҳои психологӣ, мусиқишиносӣ, ҷомеашиносӣ, инчунин усулҳои статистикаи математикӣ (графикӣ ва оморӣ) ва ғ. ташкил медиҳанд.

***Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот.*** Кори таҷрибавию озмоишӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№34, 44, 10, 7-и ш. Душанбе гузаронида шуд. Дар таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, аз он ҷумла дар суҳбату мусоҳиба ва пурсишномаҳо беш аз 100 нафар хонандагон ва 5 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мавриди озмоиш қароргирифта иштирок намуданд. Дар таҳқиқот ду гурӯҳ (назоратӣ ва озмоишӣ)-и хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мазкур ҷалб карда шуданд.

***Навгонии илмии таҳқиқот.*** Навгонии илмии таҳқиқот дар муқарраротҳи зерин зуҳур меёбад:

- мазмун ва моҳияти мафҳуми «нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ» баррасӣ ва шарҳу тафсир шудааст;

- хусусиятҳои ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар дарсҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ошкор ва муайян карда шудааст;

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор дода шудааст;

- намунаҳои мухталифи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ омода ва пешниҳод карда шудаанд, ки истифодаи онҳо дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ рушди салоҳиятҳои асосӣ ва мусиқии хонандагонро самаранок хоҳад кард;

- ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон оид ба роҳу восита ва технологияҳои истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, ки самаранокии истифодаи онҳо тариқи озмоиш собит гардидааст, тавсияҳои методӣ коркард ва ироа шудаанд.

***Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:***

- нақши бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ яке воситаҳои таълимии муҳим дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол тавассути бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар муассисаи таҳсилоти

миёнаи умумӣ, аз он ҷумла, дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ;

- аҳаммияти истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол;

- истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ҷараёни таълими фанни суруд ва мусиқӣ ворид намудани маҷмуи бозиҳои гуногуни дидактикӣ ба манзури ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

***Арзиши назариявии таҳқиқот*** аз асосноккунии равишҳои илмии таҳқиқи масоили истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол иборат буда, натиҷаҳои таҳқиқот имкон медиҳанд, ки талаботи муносибати босалоҳият ба таълими фанни суруд ва мусиқӣ ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шуда, амалӣ карда шаванд. Муносибат ва равишҳои педагогӣ асоснок ва истифода карда шуданд, ки онҳо бо мақсади рушди маҳорату малакаҳои мусиқии бачагони хурдсол таҳия шуда, ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва, аз ҳама асосӣ, ба ба рушди салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ нигаронида шудаанд.

***Арзиши амалии таҳқиқот***. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба такмили раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ дар самти ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони хурдсол бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мусоидат менамоянд. Таҳия ва татбиқи воситаву усулҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни дарсҳои суруд ва мусиқӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, иқдоми муҳим дар ҳалли масъалаи татбиқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълими насли наврас ва ба зиндагии шоистаи оянда омода сохтани онҳо маҳсуб меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқотро, инчунин, тавсияҳои илмӣ-методии таҳия ва манзуршуда, ки ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагон дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ нигаронида шудааст, ба таври самаранок таъмин менамоянд.

Ҳамчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян мешавад. Маводи назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бурдан ҷоиз аст.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот боз дар он аст, ки таҳлили

назариявӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқотро, ки аз тариқи озмоиш татбиқу тасвиб ва самаранокии онҳо собит шудаанд, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонанд ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва баланд бардоштани сифат ва самаранокии чорабиниҳои таълимиву тарбиявӣ истифода баранд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.*** Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот бо заминаи назариявию методологӣ, ки осори илмию педагогӣ ва психологиро дар бар мегирад; истифодаи маҷмуи методҳои якдигарро пурракунандаи раванди таълим, ки ба вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат мекунанд; истифодаи васеи сарчашмаҳо ва маводи гуногуни илмию оморӣ, таълимию методӣ ва маводе, ки якдигарро мукаммал ё дақиқ месозанд, ҳамчунин, тавассути татбиқи муносибати шахсиятӣ –иҷтимоӣ–фаъолиятӣ ба таҳқиқи раванди педагогӣ, истифодаи методҳои гуногуни эмпирикӣ ва назариявии таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷониба ва зина ба зина, натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастовардашуда ва тасвибу тасдиқи онҳо дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин гардидааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), аз ҷумла, ба *банди 3* – «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот;), *банди 4* – Назария ва консепсияҳои таълим (қонуниятҳо, принсипҳои таълими кӯдак дар давраҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; намудҳо ва амсилаҳои таълим, доираи татбиқи онҳо; технологияҳои таълим; консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим, махсусиятҳои таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот) мутобиқ аст.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.*** Саҳми шахсии муаллиф аз иштироки бевосита дар ҷамъоварю коркарди маводи воқеӣ ва маълумоти омории ибтидоӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳо, таҳияи муносибатҳои методологӣ, санҷиши натиҷаҳо, таҳия ва ироаи хулосаву пешниҳод ва тавсияҳо иборат мебошад.

***Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.*** Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ҷаласаҳои кафедраи “Назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ”-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумие,

ки корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар пойгоҳи онҳо гузаронида шуданд, муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шудаанд.

Ҳамчунин, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ тавассути ироаи маърузаҳо  дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ – байналмилалӣ, конференсия ва мизҳои мудаввар тасвиби худро ёфтаанд.

***Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.*** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 17 номгӯй интишороти илмии муаллиф, аз он ҷумла 3 мақолаи илмии дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 14 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода мекунанд.

***Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат аст. Матни диссертатсия дар 187 саҳифаи чопи компютерӣ баён гардида, 17 ҷадвал ва 12 диаграммаро фаро мегирад.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Муқаддимаи диссертатсия ба асоснокнамоии мубрамияти таҳқиқот, муайян намудани объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва методҳои таҳқиқот, тасвият намудани фарзияти таҳқиқот, ошкор намудани аҳаммияти амалӣ ва навгониҳои илмии кор, баён намудани заминаҳои методологии он, пешниҳоди маълумот оид ба тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, изҳори муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бахшида шудааст.

Дар боби аввал  – **«Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ»** - масъалаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар таҳқиқоти психологию педагогӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, дар ин зимн моҳият ва сохтори бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи инкишофи ташаккули  салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни суруд ва мусиқӣ аз мавқеи назариявӣ асоснок карда шуд, ки ин барои ошкор намудани шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои мусиқӣ- дидактикӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ имкони мусоид фароҳам овард.

Дар илми муосир ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни фаъолияти  шахсро равоншиносон (Б.Г. Ананйев, Л.С. Вийготский, Л.Б. Ермолаева-Томина, П.М. Якобсон) ва омӯзгорон (П.П. Блонский, Н.А. Ветлугина, А.Н. Зимин, Т.Г. Казакова, О.П. Комарова) Б. Хайруллоев А. Алиев ва дигарон баррасӣ намудаанд. Онҳо мафҳуми «салоҳият» - ро ҳамчун қобилияти инсон дар асоси азхудкунии

сарвати маданияти моддию маънавӣ дар ҷаҳон дигаргуниҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммияти ба амал баровардан, дар муносибат, амалҳои ихтиёрӣ, иштирок дар бозӣ маънидод мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлили назариявии адабиёти психологию педагогӣ маълум гардид, ки ташаккули салоҳиятҳои хонандагони хурдсол ҳамчун форматсияи нав дар қобилияти мушоҳидаи фаъолонаи ашё ва падидаҳои воқеияти атроф, дарк кардан, номгузории онҳо, ва ба фаъолияти зебоипарасти унсурҳои эҷодӣ, фардӣ, аз дигарон фарқ мекунад. Салоҳияти хонандагони хурдсол дар раванди ташаккул дар намудҳои гуногуни фаъолият: дар синф, дар ҳаёти ҳаррӯза, дар кор ва бозӣ, дар муоширaт бо табиат зоҳир мегардад ва инчунин бо такмили сифатҳои ташаббускорӣ, мустақилиятӣ алоқаманд аст.

Мо дарёфтем, ки фаъолияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ одатан стихиявӣ, бесамар буда, метавонад яктарафа – мавриди қонеъ гардонидани танҳо манфиатҳои пешбаранда зоҳир шавад, он метавонад бидуни назорат ва таъсири пурқуввати саривақтии омӯзгорон ва бидуни истифодаи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ташаккули салоҳияташон таъсири манфӣ расонанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ муайян намудем, ки бозии мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ буда қобилияти мусиқиро инкишоф дода, тасаввуроти бачагонро дар бораи воситаҳои ифодаи мусиқӣ амиқтар намуда, ба фаъолияти иҷрокунандагии хонандагон таъсири судманд мерасонад. Ҳамаи ин таъсироти омӯзишӣ дар асоси иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, ба инкишофи руҳии кӯдак, ташаккули шахсияти ӯ ва инчунин ташаккули салоҳияти худи хонандаи синфи ибтидоӣ таъсири мусбат мерасонад

Таҳқиқи назариявии масъалаи мавриди назар имкон дод шароитҳои зерини педагогии ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ташкили бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ муайян карда шаванд: мавҷудияти қобилият ва маҳорати устувори дарки мусиқӣ, сурудхонӣ, ҳаракатҳои зарбӣ - мусиқӣ ва навохтани асбобҳои мусиқии бачагона дар ҷараёни иҷрои бозиҳои дидактикӣ; мавҷудияти захираи таассуроти мусиқии дурахшон, зебоипарастӣ, ки кӯдакон дар дарсҳои мусиқӣ ва бозӣ, идҳо, фароғат мегиранд; ташкили муҳити субъектӣ-фазоӣ; роҳбарии ғайримустақими омӯзгор; хусусияти репертуари мусиқӣ; ҳамгиройии ҳама намудҳои фаъолияти бадеӣ.

Хуллас, омӯзиш ва таҳқиқоти назариявӣ муайян сохт, ки бозии мусиқӣ-дидактикӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ қобилияти мусиқиро инкишоф дода, тасаввуроти бачагонро дар бораи воситаҳои ифодаи мусиқӣ амиқтар менамояд, ба фаъолияти иҷрокунандагии хонандагон бевосита таъсири амиқ мерасо-

над ва иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ба рушди рӯҳиву равонии хонандаи хурдсол, ташаккули шахсият ва салоҳиятҳои асосиву ҳаётии ӯ таъсири мусбат мерасонад.

Боби дуюми диссертатсия – **“Ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ зимни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ” -** зимни озмоиши педагогӣ, ки дар се марҳила: муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ сурат гирифт, дараҷаи ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонанагони синфҳои ибтидоӣ тибқи бозиҳои мусиқӣ-дидактикии дар хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муайян карда шуд.

Кори озмоишӣ дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №34, 44, 10, 7-и шаҳри Душанбе гузаронида шуд. Дар кори таҷрибавӣ-озмоишӣ 2 гуруҳи хонандагони синфҳои ибтидоӣ - гуруҳи озмоишӣ (минбаъд - ГО) ва гурӯҳи назоратӣ (минбаъд - ГН) иштирок намуданд.

Натиҷаҳои иҷрои супоришҳои бозиҳои мусиқӣ-дидактикии бачагон дар замима муфассал оварда шудаанд.

**Ҷадвали 1.**

| Гурӯҳ | Сатҳи паст | Сатҳи миёна | Сатҳи баланд |
|---|---|---|---|
| **Гурӯҳи озмоишӣ** | 20 % | 30 % | 50 % |
| **Гурӯҳи назоратӣ** | 20 % | 20 % | 60 % |

***Ҷадвали 1. Дараҷаи фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (бори аввал)***

Марҳилаи муқарраркунандаи таҳқиқот дар гурӯҳҳои озмоишӣ ва ҳам дар гурӯҳҳои назоратӣ тақрибан якхела маълумот гирифта шуд: сатҳи фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикӣ дар аксарияти кӯдакон хеле паст аст.

Пас аз муайян намудани сатҳи нишондиҳандаҳои рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди муошират бо ҳамсолон дар ҷараёни бозии мусиқӣ-дидактикӣ маълумоти бадастомада ба фоизҳо табдил дода шудаанд, то ки шумораи хонандагони хурдсол дар ин гурӯҳи синну солашон баланд, миёна ва пасти ташаккулёбӣ дошта бошанд. Натиҷаҳо дар ҷадвали №2 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 2.***

| Сатҳи ташаккули нишон-диҳанда | Нишондиҳандаҳо | |
|---|---|---|
| | Ташаббус | Ҳассосият ба таъсири ҳамсолон |
| Сатҳи паст | 24% | 21% |
| Сатҳи миёна | 53% | 47% |
| Сатҳи баланд | 23% | 32% |

| Заминаи эҳсосии бартаридошта | Фоиз |
|---|---|
| Сатҳи манфӣ | 5% |
| Сатҳи миёна | 24% |
| Сатҳи мусбат | 71% |

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳое, ки дар рафти иҷрои бозии мусиқӣ-дидактикӣ тибқи усули мушоҳида нишон дода шудааст**

Аз ҷадвали бадастомада аз рӯи ташаббускорӣ дида мешавад, Аз ҷадвал маълум мешавад, ки дар мавриди ташаббускорӣ 24% хонандагони синфҳои ибтидоӣ сатҳи пастро нишон медиҳанд, ки ин метавонад аз талаботи нокифоя ба малакаҳои ҳамкорӣ бо дигар кӯдакон ё мушкилоти пайдо кардани забони умумӣ бо онҳо шаҳодат диҳад; 53% сатҳи миёна ва 23% сатҳи баланд доранд. Дар робита ба ҳассосияти ҳамсолон: 21% кӯдакон сатҳи пастро нишон медиҳанд, ки ин мушкилии онҳоро дар дарки дигарон нишон медиҳад, 47% сатҳи миёна ва 32% сатҳи баланди ҳассосият, 71% кӯдакон заминаи мусбати эҳсосӣ, 24% миёна ва танҳо 5% сатҳи манфӣ доранд.

Дар асоси маълумоти бадастомада муайян карда шуд, ки 25 нафар хонандагони синфҳои ибтидоӣ сатҳи баланди малакаи ҳамкорӣ бо ҳамсолон, 13 нафар сатҳи миёна ва 2 нафар кӯдак сатҳи паст доранд.

Маълумотҳои бадастомада ба фоиз табдил дода шудаанд, то шумораи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо сатҳи баланд, миёна ва пасти ташаккули ин амалҳо муайян карда шаванд. Натиҷаҳо дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.**

| Сатҳи ташаккули амалҳо оид ба ҷараёни ташкил ва амалӣ гардонидани таҳқиқот | Паст | Миёна | Баланд |
|---|---|---|---|
| Хонандагони синфҳои ибтидоӣ | 5% | 32,5 % | 62,5% |

***Ҷадвали 3. Натиҷаҳои сатҳи ташаккули малакаҳои ҳамкории хонандагони синфҳои ибтидоӣ***




***Диаграммаи 1. Натиҷаҳои сатҳи ташаккули малакаҳои***

***ҳамкории хонандагони синфҳои ибтидоӣ***

Дар асоси маълумоти пешниҳодшуда муайян карда шуд, ки аксарияти хонанагони синфҳои ибтидоӣ 26 ҷуфт ё 65 фоизи шумораи умумӣ) баъди якҷоя мувофиқа кардани амалҳои дар пешистода, назорати ҳамдигарӣ ва ёрии ҳамдигарӣ ба иҷрои супориш шуруъ кардаанд.

Натиҷаҳои бадастомадаи сатҳи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди бозии мусиқӣ-дидактикии муоширати махсус (контекстӣ) бо калонсолон дар ҷадвали 4 бо фоиз оварда шудаанд.

**Ҷадвали 4.**

| Сатҳи ташаккули салоҳияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ | Паст | Миёна | Баланд |
|---|---|---|---|
| Хонандагони синфҳои ибтидоӣ | 12 % | 27% | 61% |

***Ҷадвали 4. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот аз рӯи усули бозии мусиқӣ-дидактикии «Бале ва не нагӯед» бадастомада***

Возеҳии бештари маълумоти бадастомада дар расми 2 нишон дода шудааст.




**Диаграммаи 2. Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқ аз рӯи усули «Бале ва не нагӯед» бадастомада**

Таҳқиқоти озмоишӣ ҷанбаҳои зеринро ошкор кард:

5% хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти муштарак бо ҳамсолон фаъолияти паст нишон медиҳанд. Дар рафти иҷрои бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ зарурати заифи муошират бо дигар кӯдакон ба назар мерасад, ки ба ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ монеъ мешавад.

Инчунин, 11% кӯдакон ба ақидаи дигарон ҳассосияти кофӣ надоранд. Ғайр аз он, 12% хонандагон сатҳи нокифояи омӯзиш барои

ҳамкорӣ дар бозӣ доранд, ки ба амалҳо ва ҳамкории онҳо бо шарикон таъсир мерасонад. 6,5% кӯдакон наметавонанд малакаҳои худро дар муошират бо калонсолон ва ҳамсолони худ дар шароити бозӣ ба таври кофӣ арзёбӣ кунанд.

Сатҳи пасти ҳамкории мушаххаси визуалӣ-моторӣ бо калонсолон дар 12% кӯдакон мушоҳида мешавад, ки ин метавонад ба худбаҳодиҳии пасти онҳо ва эътимоди онҳо ба муошират ишора кунад. Мақсади марҳилаи назоратии озмоишии умумӣ ва қиёсӣ таҳлили натиҷаҳо, тартиб додан ва ба низом даровардани хулосаву пешниҳодҳо мебошад.

Марҳилаи назоратии озмоиш нишон дод, ки аксарияти кӯдакон фаъолтар ва озодона бо ҳамсолони худ робита пайдо мекунанд ва аз ин рӯ, қобилияти коммуникатсионии шахс инкишоф меёбад. Он бачаҳое, ки дар муошират душворӣ доштанд, хеле возеҳ буданд, хеле худдорӣ мекарданд, на бо ҳамсолонашон ва на бо калонсолон тамос намегирифтанд, иштирок дар бозиҳои мусиқӣ озод мешуданд ва баъзан дар иҷрои ҳаракатҳо, импровизатсияҳо нисбат ба кӯдаконе, ки ба ҷуфтҳои худ машғул буданд, натиҷаҳои беҳтар нишон медоданд, кашф карда шудааст, ки ин низ аз таъсири мусбати мусиқӣ ба рӯҳияи кӯдак аст.

Намоиши бештари визуалии натиҷаҳои охирин дар ҷадвали 5 оварда шудаанд.

***Ҷадвали 5.***

| Техника | | Марҳилаҳои озмоиш | |
|---|---|---|---|
| Усули бозии “Муошират” | Паст | Усули бозии "Муошират" | Паст |
| | Миёна | | Миёна |
| | Баланд | | Баланд |
| Усули “Муошира-ти махсус бо ка-лонсолон” | Паст | Усули “Муоши-рати махсус бо калонсолон” | Паст |
| | Миёна | | Миёна |
| | Баланд | | Баланд |
| Техникаи "Ҳа ва не нагӯед" | Паст | Техникаи "Ҳа ва не нагӯед" | Паст |
| | Миёна | | Миёна |
| | Баланд | | Баланд |

**Ҷадвали 5. Натиҷаҳое, ки ҳангоми ташхиси кӯдакон бо тамоми усулҳо дар марҳилаи назорати таҳқиқот ба даст оварда шудаанд**

Натиҷаҳое, ки пас аз марҳилаи ташаккулдиҳандаи озмоиш, инчунин пас аз марҳилаи назоратии ташхис ба даст оварда шудаанд, дар баланд бардоштани сатҳи малакаҳои муошироти хонандагони синфҳои ибтидоӣ,

махсусан хонандагоне, ки дар марҳилаи ибтидоии ташхис натиҷаҳои хеле паст нишон доданд, натиҷаи мусбат нишон доданд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мо имкон дод, ки бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ, корҳои ислоҳотӣ гузаронидан зарур аст, ки он ба ташаккули салоҳияти онҳо дар рушди малакаҳои муошрати кӯдакон ҳангоми муошират бо ҳамсолон ва ҳам калонсолон нигаронида шудааст.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои марҳилаи муқарраркунанда ва назоратии озмоиш динамикаи мусбати ташаккули салоҳияти мусиқии хонандагони ҳар ду гурӯҳро ошкор намуд (ниг. ба диаграммаҳои 3-4).




***Диаграммаи 3.* Динамикаи дараҷаи фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ**




**Диаграммаи 4. Динамикаи сатҳи фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар гурӯҳи озмоишӣ пеш аз таҳқиқот ва баъд аз он**

Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки 100% динамикаи мусбӣ дар рушди фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикӣ аз ҷониби хонандагони хурдсоли гурӯҳи таҷрибавӣ дода шудааст. Аз рӯи иҷрои санҷиши бозиҳои мусиқии дидактикӣ -70 фоизи бачаҳо фаъолияти баланди салоҳияти худро ва 30 фоиз баҳои миёнаро нишон доданд. Хонандае нест, ки фаъолияти онҳо дар ташаббуси бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ умуман

паст бошад.

Дар гурӯҳи назоратӣ 40 % хонандагон фаъолияти салоҳиятнокии худро баланд бардошта, дар сатҳи миёна 60 % кӯдакони гурӯҳи назоратӣ боқӣ монданд.

Натиҷаҳо нишон доданд, ки дар натиҷаи кори ба мақсад мувофиқ ба роҳ мондани мақсадҳои тарбиявӣ дараҷаи фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври намоён баланд гардид. Инро мавҷудияти робитаи мантиқии байни мазмуни асарҳои мусиқӣ ва воситаҳои ифодакунандаи мусиқӣ (тобишнокӣ, шидатнокӣ тембр, регистр), қобилияти муайян кардан ва асоснок кардани лаззатбарӣ, эҳсосот, қобилияти истифода бурдани забони образноки мусиқӣ собит намуд.

Натиҷаҳое, ки пас аз марҳилаи ташаккулдиҳанда ва назоратии озмоиш ба даст оварда шуданд, нишон медиҳанд, ки сатҳи салоҳиятҳои муоширатии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, махсусан хонандагоне, ки дар марҳилаи ибтидоии ташхис натиҷаҳои хеле паст нишон дода буданд, нисбатан хеле баланд шуда, ташаккул ёфтаанд.

Натиҷаҳои рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон, ки дар ҷараёни таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ба даст оварда шуд, самаранокии методика ва барномаи коркардкардаи моро дар самти ташаккули салоҳиятҳои мусиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарсҳои суруд ва мусиқӣ бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ва иртиботӣ собит сохт.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ

Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ моро ба таҳия ва ироаи чунин хулосаҳо водор сохт:

1) Маълум гардид, ки давраи таҳсилоти ибтидоӣ дар ташаккули салоҳияти шахсияти кӯдак зимни бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ нақши муҳим дошта, давраи асосӣ ба шумор меравад. Имрӯзҳо дар синфҳои ибтидоӣ ба ташаккули салоҳияти хонандагони хурдсол таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар ташаккули салоҳияти хонандагони хурдсол яке аз ҷойҳои аввалиндараҷаро таълим бо истифода аз бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ мегирад, ки ин аҳаммияти бағоят калон дорад, зеро бозии мусиқӣ-дидактикӣ ба беҳтар шудани ҳолати руҳӣ ва эмотсионалии кӯдакон мусоидат мекунад ва инчунин онҳоро фаъол менамояд. Мусиқӣ ба ташаккули робитаи кӯдак ҳам бо омӯзгор ва ҳам бо ҳамсолон мусоидат мекунад. Он майли шогирдро ба эҷодкорӣ, афзуда истеъдодҳои ӯро ошкор мекунад, худдорӣ ва худбаҳодиҳиро ташаккул медиҳад [1-М].

2) Ошкор карда шуд, ки рушди салоҳияти шахсии кӯдаки синни ибтидоӣ комплексӣ буда, дорои системаи хоси худ, сохтори пурмазмун ва динамикаи ташаккул мебошад. Муносибати мактаббачагоне, ки дар бозии таълимӣ иштирок мекунанд, номуайян, хеле мураккаб ва

норавшан аст. Ҳангоми гузаронидани бозии таълимӣ, пуркунии мусиқӣ вазифаи ҳавасмандгардонии фаъолияти инфиродӣ ва инчунин, тарбияро иҷро мекунад. Он ба хонандагон имконият медиҳад, ки унсурҳои бо ягон ҳодиса ё аломатҳо алоқамандро дарк ва таҳлил кунанд [3-М].

3) Муайян карда шуд, ки ҷузъи бозӣ ҳамчун раванде, ки ба шиносоии хонандагон бо фазои ҷаҳони мусиқӣ мусоидат мекунад, воситаи муҳимтарини корҳои таълимӣ-мусиқӣ мебошад. Бозиҳои хусусияти мусиқӣ-дидактикидошта бевосита, ба ташаккули қобилияти ҳамгироии донишҳои бадастомада ба амалияи воқеии ҳаёт таъсир мерасонанд. Дар ҷараёни бозии омӯзишӣ хонандагони хурдсол қобилияти муқоиса ва фарқ кардани образҳои мусиқӣ ва руҳияро меомӯзанд. Дар натиҷа, худшиносии онҳо ба амал меояд, онҳо хоҳиши мавқеи фаъолро дар раванди фаъолияти таълимӣ ва бозӣ пайдо мекунанд [2-М], [3-М].

4) Пас аз натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда маълум шуд, ки дар ҷараёни бозии таълимӣ, дар кӯдакони синфҳои ибтидоӣ рағбати ташаббускорӣ дар муносибат бо ҳамсолон, инчунин қисман сахтгирӣ, ноустувории заминаи эҳсосӣ зоҳир мешавад [5-М].

5) Озмоиши гузаронидашуда собит сохт, ки бозиҳои дидактикӣ дар дарси мусиқӣ ҳангоми дарс ба фазо ва заминаи эҳсосии хонандагон таъсири мусбат мерасонанд, ба онҳо кумак мекунанд, ки бо ҳамдигар беҳтар муошират ва ҳамкорӣ кунанд. Бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ, аз ҷумла онҳое, ки ба баланд бардоштани малакаҳои муошират дар мактаббачагон нигаронида шудаанд, ба ташаккули хусусиятҳо ва салоҳиятҳои шахсии онҳо ва ба робитаҳои байни унсурҳои мусиқӣ мусоидат мекунанд, дарки ҷузъи мусиқиро тарбия мекунанд, малакаи муошират пурсамарро инкишоф медиҳанд, истеъдодҳо ва қобилиятҳои табиии кӯдаконро муайян мекунанд, тарзи тафаккури онҳоро ташаккул медиҳанд [11-М].

6) Пайдарпайии ҳамаи марҳилаҳои тадқиқоти гузаронидашуда дар шакли диаграммаҳо ва ҷадвалҳо ба таври равшан нишон дода шудааст. Хулосаҳои асосӣ аз рӯи натиҷаҳои марҳилаи ниҳоии озмоиш, пас аз таҳлили маълумоти гирифташуда, инчунин пурсиши шифоҳии омӯзгорон ба даст оварда шуданд [7-М].

7) Муайян карда шуд, ки барои рушди пурраи шахсии кӯдак гузариши ҳамоҳанг ва мусбат аз як марҳилаи синну сол ба марҳилаи дигар аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, дар раванди таълим ба ташаккули малакаҳои коммуникатсионӣ, рушди салоҳиятҳои хонандагон, фароҳам овардани фазои мусоиди эҳсосӣ диққати махсус додан муҳим аст. Ҳамаи ин барои он зарур аст, ки онҳо эҳтиёҷоти муошират худро бо ҳамсолон ва калонсолон пурра қонеъ гардонанд [9-М].

8) Ошкор карда шуд, ки зуҳуроти фаъолияти бозии мусиқӣ-дидактикӣ ба хонандагони хурдсол хос аст, зеро бозиҳои мусиқӣ-

дидактикӣ омили рушди қобилияти кӯдак ба шумор меравҳанд. Татбиқи фаъолияти бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ ҷаҳонбинии хонандаи хурдсолро бой ва пурмазмунтар мегардонад. Ташаккули салоҳияти шахсияти ӯро дар синни хурди мактабӣ таъмин намуда, инкишофи ҳамаҷонибаи минбаъдаи ӯро равнақ мебахшад. Хонандае, ки ба бозии мусиқӣ-дидактикӣ шавқу ҳаваси доимӣ ва бошуурона дорад, қобилияти ба амал баровардани неруи босалоҳиятиро дорост ва ба шароиту талаботи тағйирёбандаи ҳаёт бомуваффакият мутобиқ гардида, услуби фаъолияти фардии худро осонтар ба вуҷуд меораду барои такмили худомӯзии худ, қобилияти бештарро пайдо менамояд. Дар раванди фаъоли бозии мусиқӣ-дидактикӣ хусусиятҳои психологии хонанда аз қабили хотира, тафаккур, мушоҳида, фидокорӣ, мантиқ, эҳсосот тарбия ёфта, инкишоф меёбад. Принсипи бозиҳои мусиқӣ-дидактикӣ дар хонандаи хурдсол тахаюлоту тасаввуроти равшанро ба вуҷуд меорад [8-М].

